# ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ФАРМОИШ**

аз «21» 01 соли 2022 №09

«Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2015, №173»

Бо мақсади пешбурди назорати қисми даромади Буҷети давлатӣ мутобиқи банди 12 Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, №187 тасдиқ гардидааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба қисми 1 Гурӯҳбандии даромад ва хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастурамалҳои истифодабарии онҳо, ки бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2015, №173 тасдиқ гардидааст, аз рӯи ташаккулёбии дигар манбаъҳои даромад иловаҳои зерин ворид карда шавад:

- дар рамзи 1.02.02. "Дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет" рамз бо тартиби зерин илова карда шавад:

1.02.02.25. Хироҷ аз ҳисоби авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

1.02.02.26. Пардохти 5 фоиз аз қонунигардонии маблағҳо ҳангоми пеш аз муҳлат гирифтан пули миллӣ ё асъор аз бонкҳо.

2. Дар ҳисобҳои НЯҲ ва ОМД 2001 бандҳои зерин илова карда шавад:

- дар рамзи 10202 "Дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет", зерқисми 2.5 Ҷадвали якҷоякунии (интегратсияи) даромадҳои давлатӣ ва грантҳо бо рамзҳои ОМД 2001 ва НЯҲ дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1.02.02.25 | Хироҷ аз ҳисоби авф бинобар қонунгардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1422 | 4.42.281 |
| 1.02.02.26 | Пардохти 5 фоиз аз қонунгардонии маблағҳо ҳангоми пеш аз муҳлат гирифтани пули миллӣ ё асъор аз бонкҳо | 1422 | 4.42.282 |

3. Дар қисмати "Даромадҳо" – и зерқисми 3.1. Нақшаи ягонаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва хазинадорӣ ҳисобҳои муҳосибӣ дар таҳрири зерин илова карда карда шаванд:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 1422 | 4 | 42 | 281 | Хироҷ аз ҳисоби авф бинобар қонунгардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | 1422 | 4 | 42 | 282 | Пардохти 5 фоиз аз қонунгардонии маблағҳо ҳангоми пеш аз муҳлат гирифтани пули миллӣ ё асъор аз бонкҳо |

4. Сарраёсати хазинадори марказии Вазорати молия воридоти дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетро ба қисми даромади буҷети давлатӣ тибқи муқаррароти қисми 1 фармоиши мазкур дар Гурӯҳбандии даромадҳо ба роҳ монад.

5. Нусхаи фармоиши мазкур ҷиҳати таъмини назорати воридоти саривақтии дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетро ва мутобиқ гардонидани барномаи компютерии андозсупорандагон ба Гурӯҳбандии даромад ва хароҷот ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шавад.

6. КВД "Маркази дастгирии амалиётҳои байнибуҷетӣ" дар Низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ (TFMIS) тағйироти дахлдорро ворид намояд.

7. Фармоиши мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

8. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини вазири молия Гулмуродзода К.Г., вогузор карда шавад.

Вазир Ф. Қаҳҳорзода

Мувофиқа карда шуд:

Муовини якуми вазир ______________ Ҷ. Каримзода

Сардори Сарраёсати сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатӣ ______________ З. Шодиён

Сардори Сарраёсати буҷети давлатӣ ______________ З. Азимӣ

И.в Муовини якуми сардори Сарраёсати хазинадори марказӣ ______________ Н. Наҷмиддинов

Сардори Раёсати баҳисобгирии муҳосибӣ,ҳисоботи молиявӣ ва фаъолияти аудиторӣ ______________ М. Умаров

Сардори Раёсати дурнамо ва таҳлили даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ ______________О. Исмоилзода

Сардори КВД "Маркази дастгирии амалиётҳои молиявии байнибуҷетӣ"______________А. Мирзоев

Сардори Раёсати ҳуқуқ ______________ Б. Сатториён